**Суратмаҷлиси № 5**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

аз 11 августи соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 61 тасдиқгардида, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравард. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шӯро ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шӯро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсия унвонҷӯйи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Охунзода Насруддин дар мавзӯи **«Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссия ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода, аъзои комиссияи ташхис Ҷ. Садулоев, А. Азимов баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи **«Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»** барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Бобоҷониён Раънохон Маҳмудзода -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, вакили маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, сардори маркази таҳлилӣ-иттилоотии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъйин карда шавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад;

5.Таърихи рӯзи ҳимоя 12.11. 2020, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.